Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушд»

# ҲИСОБОТИ МУХТАСАР

## ОИД БА НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ ДАР БОБИ АРЗЁБИИ МУВОФИҚАТИ ИНШООТ ВА БИНОҲОИ ФИЛИАЛҲОИ МД "МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОНИ ТОҶИКИСТОН" БАРОИ НАФАРОНИ ДОРОИ МАЪЛУЛИЯТ ВА ГУРӮҲҲОИ АҲОЛИИ ДОРОИ МАҲДУДИЯТҲОИ ҲАРАКАТ

Душанбе - 2018

МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

# ҲИСОБОТИ МУХТАСАР

## ОИД БА НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ ДАР БОБИ АРЗЁБИИ МУВОФИҚАТИ ИНШООТ ВА БИНОҲОИ ФИЛИАЛҲОИ МД "МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОНИ ТОҶИКИСТОН" БАРОИ НАФАРОНИ ДОРОИ МАЪЛУЛИЯТ ВА ГУРӮҲҲОИ АҲОЛИИ ДОРОИ МАҲДУДИЯТҲОИ ҲАРАКАТ

**Июни соли 2018**

# I. Муқаддима

Дастрасии муассисаҳо ва хизматрасониҳои таълимӣ барои шахсони дорои маълулият ва одамоне, ки имкониятҳои маҳдуди ҳаракат доранд, принсипи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» (29 декабри соли 2010 таҳти № 675 таълиф шудааст) мебошад. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар заминаи принсипи "дастрасии хизматҳои ҳифзи саломатӣ, таҳсилот, истироҳат, сайёҳат ва интихоби озодонаи касб ва ҳам шуғл" (моддаи 3) нисбати нафарони дорои маълулият, ҳамчуноне ки нисбати шаҳрвандони дигар амал мекунад, татбиқ карда мешавад[1].

Тадбирҳои мазкур оид ба муайян ва бартараф (ё коҳиш) кардани монеаҳо дар дастрасӣ, аз ҷумла ба а) биноҳо, роҳҳо, нақлиёт ва дигар иншооти дохилӣ ва берунӣ, инчунин ба мактабҳо, биноҳои истиқоматӣ, муассисаҳои тиббӣ ва ҷойҳои корӣ; б) ба хизматрасониҳои хадамоти иттилоотӣ, коммуникатсия ва хизматрасониҳои дигар, аз ҷумла хадамоти электронӣ ва хадамоти изтирорӣ/ фавқулодда дахл доранд.

Инчунин, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва дигар сохторҳо барои таъмини дастрасии бемонеаи одамони дорои маълулият (аз он ҷумла одамони дорои нуқсонҳои биноӣ, шунавоӣ, ақлонӣ ва нуқсони системаи ҳаракат/ истифодабарандагони аробачаи маъюбӣ ба иншооти

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» (29 декабри соли 2010 таҳти № 675;

инфрасохтори ичтимоӣ бояд тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дастрасии иншооти инфраструктураи ичтимоӣ тавассути насбу танзими васоити барои шахсони дорои маълулият (ШДМ) мувофиқ таъмин карда мешавад, ки он бояд ҳангоми банақшагирӣ ва бунёди шаҳрҳо, дигар маҳаллаҳои аҳолинишин, сохтмони мавзеъҳои истиқоматӣ ва истироҳатӣ, минтақаҳои истиқоматӣ ва тафреҳотӣ, таҳияву коркарди лоиҳаҳо барои сохтмони иншооти нав ва азнавсозӣ кардани биноҳо, иншоот ва маҷмааҳои назди онҳо ба назар гирифта шавад (моддаи 25)[2].

Дастрасӣ ба таҳсилот тавассути ба ШДМ таъмин дастрас намудани имконоти гирифти маълумоти томактабӣ, ибтидоии умумӣ, асосии умумӣ, миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин маълумоти олии ройгон таъмин карда мешавад. Тайёрӣ ва таҳсилоти касбӣ барои ШДМ дар муассисаҳои махсуси таълимии касбӣ мутобиқи меъёрҳо/ стандартҳои таълимии давлатӣ дар заминаи барномаҳои таълимии барои таҳсилоти шахсони дорои маълулият мутобиқкардашуда ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тариқ, дастрасии иншоот ва хадамоти таълимӣ барои ШДМ ва гурӯҳҳои аҳолии дорои маҳдудияти ҳаракат- ин ташкили фазо ё муҳити бемонеа, яъне таъмини раванди омӯзиш ва ҷойгардӣ/ ҳаракати бароҳат, таъмини дастрасии мустақилона ва бе кӯмаки беруна ба ҳамаи минтақаҳои иншоот, ҷиҳози мебел ва таҷҳизотро дар бар мегирад.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ичтимоии маъюбон» (29 декабри соли 2010 таҳи № 675.

Дар айни замон, таҳти мафҳуми “дастрасӣ” ҳамбастагии 4 сифати зерин фаҳмида мешавад:

1. Дастрасии бинои филиалҳои Муассисаи давлатии "Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон (МТКТ)" дар бахши қаноатманд намудани эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ва физиологии гурӯҳи мавриди таваҷҷӯҳ (ГМТ);
2. Мавҷудияти воситаҳои моддӣ ва техникӣ барои таълими ГМТ;
3. Мавҷудияти барномаҳои таълими фарогир ва маводҳои таълимӣ-методии мутобиққардашуда;
4. Мавҷудияти мутахассисон/ омӯзгорон оид ба кор бо ГМТ.

Дар баробари ин, дар асоси таҳлили системаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ватанӣ ва байналмиллалӣ дар соҳаи сохтмон (МДваБ ҶТ, аз 30 январи соли 2015 "Шаҳрсозӣ. Тарҳрезӣ ва эъмори маҳаллаҳои аҳолинишин") гуфтан мумкин аст, ки дар ҶТ то ба ҳол, дар соҳаи татбиқи амалии ҳуқуқҳои шахсони дорои маълулият ва маҳдудияти ҳаракат ба дастрасии бемонеа ба биноҳо ва манзилҳо; инчунин дар ба роҳ мондани таҳсилоти касбӣ- тибқи меъёрҳои давлатии таълимӣ, як қатор мушкилот ба назар мерасанд.

Мувофиқи маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016 дар маҷмӯъ 144,886 нафар маъюбон (аз ин ҷумла 24,870 нафарашон - кӯдакони синни то 18-сола) ё бо ибораи дигар - ба ҳар сари 1000 нафар аҳолӣ 17 ШДМ ба қайд гирифта шуда буданд. Нафаронии дорои маълулият дар Тоҷикистон аз шумораи умумии аҳолӣ тақрибан 1.6%-ро ташкил мекунанд.

Шумораи ШДМ дар ҷаҳон 23%-и шумораи умумии аҳолии сайёраро ташкил мекунанд. Ин тақрибан маънои зиёда аз як миллиард нафарро дорад. Тибқи маълумоти Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ (ТҶТ) шумораи ШДМ ҳамасола рӯ ба афзоиш дорад. Мувофиқи маълумоти омори расмӣ дар Чин зиёда аз 60 миллион нафар - яъне муодили 5%-и аҳолиаш; дар ИМА- 54 миллион нафар (19% аз шумораи умумии аҳолиаш); дар Британияи Кабир - 27%; дар Финляндия - 32%; дар Русия - 15 миллион, яъне 9%-и аҳолиашро ШДМ ташкил медиҳанд.

Дар Тоҷикистон ШДМ ба якчанд табақаҳо ҷудо карда шудаанд:

- Маъюбони ҷанг ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- Маъюбон - беморони умумӣ;
- Маъюбон – дорои бемории касбӣ;
- Маъюбони ҳангоми корашон маслуқгашта;
- Маъюбони хизмати ҳарбӣ ва
- Кӯдакони маълул/ маъюб.

Соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миллии барқарорсозии ШДМ-ро барои давраи миёни солҳои 2017-2020» қабул намуд. Барномаи мазкур табиати иҷтимоӣ ва зиддибӯҳронӣ дорад. Татбиқи он бо дарназардошти ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид то соли 2030 ба роҳ монда мешавад. Барнома ба таҳкими ҳифзи иҷтимоии ШДМ, аз ҷумла ба барқарорсозии тиббӣ ва иҷтимоии онҳо равона карда шудааст.

Дар ҶТ шумораи ШДМ ҳамасола коҳиш ёфта истодаст: дар давоми 7 соли охир шумораи онҳо дар муқоиса бо

соли 2010 муодили 10% коҳиш ёфтааст. Шумораи аз ҳама баланди ШДМ соли 2011 ба қайд гирифта шуда буд, ки он 171,447 нафарро ташкил медод. Аммо шумораи расман эътирофшудагон аз он 26,561 нафар камтар буд. Соли 2016, шумораи ШДМ-е, ки бори якум аз қайд гузашта буданд, инчунин нисбат ба соли 2010-ум 38 фоиз коҳиш ёфта, 8,006 нафарро ташкил дод, ки аз он 3,337 нафарашон занон буданд. Ин коҳиш ба як қатор сабабҳо вобаста аст, ки аз он ҷумла: а) кам шудани шумораи нафарони маъюб (масалан, табақаи «маъюбони ҷанг»); б) ҳамасола, бо сабабҳои номаълум, вале кам шудани нафароне ки барои эътироф намудани маълулият муроҷиат мекунанд; в) кам шудани шумораи ШДМ дар натиҷаи таҳқиқотҳое ки барои тасдиқи маълулият аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд. Масалан, дар натиҷаи яке аз чунин таҳқиқотҳо, ки соли 2017 маълулияти 75.177 нафарро санҷида буд, маъюбияти беш аз 12 000 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон тасдиқ наёфт ва бо ин сабаб нафақаи онҳо пурра бекор карда шуд. 7 ҳазор нафари дигар бошад, аз як гурӯҳи маъюбӣ ба дигараш гузаронида шуданд.

## 1.1. Маълумот дар бораи лоиҳаи «Дастгирии тағйироти иҷтимоӣ ва таълими фарогир»

Ташкилоти ҷамъиятии Лигаи занони маъюб "Иштирок" ва иттиҳодияи ҷамъиятии "Ассосиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон" дар ҳамкорӣ бо Намояндагии Институти ҳамкории байналмилалии ассотсиатсияи донишгоҳҳои халқии Олмон (DVV International) дар ҶТ бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федералии Олмон оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва рушд шурӯъ аз 1 апрели соли 2018 амалисозии лоиҳаи

«Дастгирии тағйироти иҷтимоӣ ва омӯзиши касбии фарогир (INCLUSION)»-ро оғоз намуданд[3].

Мақсади лоиҳа аз мусоидат ба беҳтар намудани дастрасии ҷавонони дорои маълулияти синни 15 то 29-сола ба хидматрасониҳои босифати таҳсилотӣ барои таъмини таълимоти касбӣ ва таҳсил дар Тоҷикистон тавассути ба роҳ мондани муҳити бемонеа, барномаҳои таълимии фарогир ва тайёр намудани кадрҳои таълимии муносиб ва мутахассисон дар филиалҳои МД "Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон" дар се ноҳияи санҷишӣ- шаҳрҳои Душанбе ва Панҷакент, инчунин шаҳраки Рашт иборат аст.

Дар чаҳорчӯбаи лоиҳа тадқиқоти ибтидоие гузаронида шуд, ки мақсади он арзёбии:

1. Биноҳои филиалҳои МТКТ ва ба даст овардани иттилооти боэътимод ва пурратар оид ба дастрасӣ, бехатарӣ, бароҳатӣ ва маълум будани онҳо барои ГМТ;
2. Мувофиқати воситаҳои моддӣ-техникӣ ва барномаҳои таълимии онҳо бо талабот(ҳо)и системаи маориф ва бо талаботҳои техникӣ нисбат ба ташкили омӯзиши ГМТ буд.

Тибқи супориши техникӣ, тадқиқот корҳои омодагӣ, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот(ҳо), инчунин таҳияи ҳисоботҳои пурра ва кӯтоҳро дар бар мегирифт. Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот, барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба беҳтарсозии дастрасии ГМТ ба хизматрасониҳои таълимӣ тавсияҳо таҳия карда шуданд.

---

[3] INCLUSION: Promotion of Social Change and Inclusive Education" within the framework of the program "Civil Society in Development", (CSO-LA/2017/155023/6)

## II. Хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо

Тадқиқоти ибтидоӣ барои арзёбии ҷиҳатҳои зерин гузаронида шуд:

1. Дастрасӣ, бехатарӣ ва бароҳат будани биноҳои филиалҳои МТКТ, инчунин мавҷудияти маълумоти зарурӣ ва дастрасии он ба нафарони дорои маълулиятҳои намудҳои гуногун;
2. Мувофиқати таъминот бо воситаҳои моддӣ-техникӣ ва барномаҳои таълимӣ бо талабот(ҳо)и системаи маориф ва бо талаботҳои техникӣ нисбат ба ташкили омӯзиши ГМТ.

Методологияи арзёбӣ дар заминаи талаботи қонунгузорӣ, қоидаҳо, аз ҷумла ТМТФ таҳия карда шуда буд. Дар ҳисоботи мазкур натиҷаҳои арзёбӣ оид ба меъёри №3 "Роҳандозии барномаҳои таълимии фарогир"; меъёри №4 "Дастрасии синфхонаҳои таълимӣ" ва меъёри №5 "Таъминот бо барномаҳои таълимии фарогир" оварда шудаанд. Аз рӯи ҳар як меъёр нишондиҳандаҳо ва баҳоҳо муайян карда шуда буданд. Барои арзёбии дастрасӣ аз рӯи ҳар се меъёр дар маҷмӯъ 18 адад нишондиҳандаҳо ва 91 намуди баҳоҳо истифода карда шуданд. Агар аз рӯи нишондиҳанда вазъи мавҷуда ба талабот ҷавобгӯ бошад, як балл дода мешуд.

### Хулосаҳои умумӣ нисбат ба филиалҳои таҳти тадқиқот ва санҷишии МТКТ

Умуман, натиҷаҳои мушоҳидаҳои доиркардашуда ва мусоҳибаҳо бо ҳайатҳои роҳбарии филиалҳои МТКТ дар филиалҳои таҳти тадқиқот ва санҷишии МТКТ

имкон доданд, ки як қатор хулосаҳои дар поён овардашуда таҳия карда шаванд.

Хулосаҳои умумӣ нисбат ба филиалҳои тахти ин тадқиқот ва санҷишии МТКТ:

- ✓ Таълими фарогир дар гурӯҳҳои умумӣ дар нисфи филиалҳои МТКТ ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин, дар баъзе филиалҳои МТКТ таълими инфиродӣ низ ба роҳ монда шудааст. Дар баъзе филиалҳои МТКТ барои нафарони дорои нуқсони системаи такягоҳу ҳаракат ва шунавоӣ аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, сартарошӣ, муҳосибӣ, қаннодӣ, ошпазӣ, барқчигӣ, кафшергарӣ ва кори компютер таълим ба роҳ монда шудааст;
- ✓ Баҳодиҳии ҳолати дастрасии биноҳои филиалҳои МТКТ барои шахсони дорои маълулият дар натиҷаи мушоҳидаҳо ба хулосае овард, ки шароитҳои дастрасии бемамониат ва ҳаракати намояндагони ГМТ на дар ҳама филиалҳои МТКТ фароҳам оварда шудаанд;
- ✓ Дар ҳамаи филиалҳои МТКТ васоити махсуси моддӣ-техникӣ барои хизматрасониҳои таълимӣ ба ГМТ мавҷуд нестанд. Воқеияти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки хизматрасониҳои таълимӣ дар МТКТ барои ҳамаи категорияҳои ГМТ-ро дастрас шумоидан дуруст нест;
- ✓ Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномаҳои таълимие, ки кор бо ГМТ-ро танзими мекунанд, мавҷуд нестанд;
- ✓ Мутобиқи натиҷаҳои пурсиши филиалҳои МТКТ, мавҷудияти мутахассисон/ омӯзгорон оид ба

таълими ГМТ ба андозаи 6 аз 100% арзёбӣ карда шудааст.

**Хулосаҳо нисбат ба филиалҳои тахти таҳқиқоти МТКТ аз рӯи меъёр**

а. *Меъёр: Дастрасии бино*

- ✓ Дар ҳамаи се адад филиалҳои тахти тадқиқоти МТКТ: ш. Душанбе (дар кӯчаи А.Навой), ш. Панҷакент ва шаҳраки Рашт талаботҳо нисбат ба ин меъёр риоя мегарданд. Бояд қайд кард, ки дар ҳар се филиал МТК дар ошёнаи 1-уми биноҳои маъмурӣ ҷойгир шудаанд;
- ✓ Тахтаи иттилоот(ӣ) бо маълумот оид ба рӯйхати хизматҳо ва соатҳои корӣ танҳо дар филиали тахти таҳқиқоти МТКТ дар ш. Душанбе мавҷуд ҳасту халос;
- ✓ Дар ҳеҷ кадоме аз филиалҳои тахти таҳқиқоти МТКТ ҷои дастурушӯӣ ва ҳоҷатхона ба ГМТ дастрас нестанд;

б. *Меъёр: Дастрасии синфхонаҳо.*

- ✓ Мувофиқ ба ин меъёр, талабот оид ба дастрасии синфхонаҳо қисман иҷро карда мешаванд - риояи талаботҳо нисбат ба паҳноии дари синфхона, баландии остонаи дар, мавҷудияти иттилооти ламсӣ оид ба таъин ё тахассуси синфхона;
- ✓ Чуноне ки аз мусоҳибаҳо бо ҳайати роҳбарии филиалҳои МТКТ маълум гашт, талаботҳо нисбат

ба восоити моддӣ-техникӣ барои таъмини дастрасии ГМТ ба хизматрасониҳои таълимӣ дар ягоне аз филиалҳои тадқиқшудаи МТКТ риоя карда намешаванд.

*в). Меъёр: Таъминот бо барномаҳои таълимии фарогир (инклюзивӣ)*

- ✓ Таъмини ГМТ бо хизматрасониҳои таълимӣ - дар филиалҳои МТКТ мавҷуд будани санадҳои қонунгузории марбут ба тартиби кор бо ГМТ-ро дар назар дорад (Қонунҳои ҶТ, низомномаҳо, дастурамалҳо, нақшаҳои чорабиниҳо оид ба рушди таҳсилоти фарогир ва ғайра). Инчунин, коркард ва истифодаи барномаҳои махсуси таълимӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таълими ҳар як категорияи шахсони дорои маълулият;
- ✓ Мутобиқи ҷавобҳои ҳайати роҳбарии ҳамаи филиалҳои тадқиқшудаи МТКТ дар ноҳияҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои таълимие ки кор бо ГМТ-ро танзим мекунанд, дар онҳо мавҷуд нестанд;
- ✓ Танҳо дар филиали тадқиқшудаи МТКТ дар ш. Душанбе дастрасии ГМТ ба воситаҳои таълимӣ ва методӣ дар шакли электронӣ, аз ҷумла тавассути системаҳои электронии китобхонавӣ ба роҳ монда шудааст.

**Хулосаҳо нисбат ба МТК-и санҷишӣ**

*Меъёри 3: Дастрасии бино*

Марказҳои санҷишӣ дар нисбати марказҳои таҳти таҳқиқот тамоми 34 филиалҳои МТКТ буда метавонанд, ки дар пойтахт ва чаҳор вилоят/минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойгир буда, шумораи онҳо дар ҳар як вилоят/минтақа гуногун аст. Аз ҷумла, дар Душанбе - ду филиал; дар вилояти Суғд- 9 адад; дар вилояти Хатлон- тақрибан 11 филиал; дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ- 5 адад; дар ВМКБ- 6 адад филиалҳо мавҷуданд.

- ✓ Ҷои дастурушӯӣ ва ҳоҷатхона ба ГМТ дастрасу мувофиқ нестанд;
- ✓ Дар филиалҳои санҷишӣ МТК риояи талаботҳо аз рӯи ин меъёр 29%-ро ташкил медиҳад.

*Меъёри 4: Дастрасӣ/ мутобиқати синфхонаҳо.*

- ✓ Дар 34 ноҳияҳои санҷишӣ, талабот(ҳо) каму беш, танҳо нисбат ба нишондиҳандаи якум - "Талабот(ҳо)и умумӣ нисбат ба синфхона" риоя карда мешаванду тамом;
- ✓ Дар маҷмӯъ, нишондиҳандаи мутобиқат ба талаботҳо оид ба дастарасиву мувофиқатии синфхонаҳо, дар ҳамаи филиалҳои санҷишии МТК хеле паст- яъне ба 13% баробар аст.

*Меъёри 5: Таъминот бо барномаҳои таълими.фарогир.*

Аз рӯи меъёри 5, ҷиҳатҳои зерин арзёбӣ карда шуданд: 1) барномаҳои таълимӣ- мавҷудияти маводҳои таълимӣ-методӣ ва доир намудани чорабиниҳои таълимӣ бо ГМТ; 2) мавҷуд будани мутахассисон.

- ✓ Дар 12 филиалҳои МТКТ аз теъдоди умумии 34 адад марказҳои санҷишӣ барои нафарони дорои маълулиятҳои гуногун омӯзиш ба роҳ монда шудааст. Дар айни замон, танҳо дар якчанд филиалҳои МТК барномаи таълимӣ мавҷуд ҳасту халос.
- ✓ Дар яке аз ду филиалҳои санҷишии МТКТ дар ш. Душанбе, таълими фарогир дар гурӯҳҳои умумӣ ва ҳам фардӣ/ алоҳида ба роҳ монда шудааст;
- ✓ Мутахассисоне, ки дар як қатор филиалҳои МТКТ мавҷуданд, аз рӯи тахассус асосан омӯзгор-равоншинос (психолог) ва кормандони иҷтимоӣ мебошанд.

**Хулосаҳои умумӣ**

Дар ҳамаи 36 филиалҳои МТКТ дастрасии хизматрасониҳои таълимиеро ки дар филиалҳои МТКТ барои ГМТ ба роҳ монда шудаанд, беҳтар кардан даркор аст[4]. (*тафсилоти бештар, алоҳида - барои ҳар як гузориш мавҷуд ҳаст*);

1. Дар натиҷаи пурсиши ҳайати роҳбарии филиалҳои МТКТ, муайян карда шуд, ки дар ҳамаи филиалҳои МТКТ воситаҳои махсуси моддӣ ва техникӣ барои таъмини хизматрасониҳои таълимӣ ба ГМТ мавҷуд нестанд. Воқеияти мазкур нишон медиҳад, ки ба роҳ мондани таълим дар филиалҳои МТКТ

[4] Натиҷаҳои тадқиқот дар шакли ҳисоботҳои алоҳида барои ҳар як ноҳия тартиб дода шуда, хулосаҳои мушоҳида, назарпурсии роҳбарони филиалҳои МТКТ ва тавсияҳо дар боби беҳтар кардани вазъи дастрасиро дар бар мегиранд.

барои ҳамаи категорияҳои ГМТ-ро дастрас шумуридан нодуруст аст;

2. Таъмини ГМТ бо хизматрасониҳои таълимӣ - дар филиалҳои МТКТ мавҷуд будани санадҳои қонунгузории марбут ба тартиби кор бо ГМТ-ро дар назар дорад (қонунҳои ҶТ, низомномаҳо, дастурамалҳо, нақшаҳои чорабиниҳо оид ба рушди таҳсилоти фарогир ва ғайра). Инчунин, коркард ва истифодаи барномаҳои махсуси таълимӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таълими ҳар як категорияи шахсони дорои маълулият. Мутобиқи ҷавобҳои ҳайати роҳбарии ҳамаи филиалҳои тадқиқшудаи ноҳиявии МТКТ дар марказҳо ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои таълимие, ки кор бо ГМТ-ро танзим мекунанд, мавҷуд нестанд;

**Тавсияҳои умумӣ**

1. Имконияти таъмин намудани филиалҳои МТКТ бо нашрияҳои таълимӣ ва методӣ дар шакли электронӣ, китобҳои дарсии савтӣ, маводҳои таълимӣ, маводҳои дидактикиро ба нақша гиррифтан зарур аст, ки барои таълими ГМТ мутобиқ гардонида шудаанд. Таҳия ё мутобиқсозии маводҳои таълимии мавҷуда ва адабиётҳои методӣ;
2. Ҳангоми аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани мутахассисони филиалҳои МТКТ, ба барномаи таълимӣ курсҳо оид ба принсипҳо ва усулҳои таълими фарогирро ворид кардан зарур аст. Барои

таъмини устувории омодагии мутахассисон ба барномаи таълимии тайёркунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ворид намудани фанҳое, ки барои ихтисосҳои "корманди иҷтимоӣ", ва "равоншинос" (психолог) заруранд, метавонад, воситаи хубе гардад;

3. Ташкил намудани таҳсилоти касбӣ барои шахсони дорои маълулият;
4. Баланд бардоштани зарфияти ҳайати омӯзгорон оид ба кор бо ГМТ;
5. Ба барномаи курси таълимӣ оид ба таҳияи кормандони иҷтимоӣ, ворид намудани як дастури таълимии иловагӣ оид ба технологияи мутобиқсозии иҷтимоии шахсони дорои маълулияти категорияҳои гуногун, бо мақсади мусоидат ба таҳсилоти касбии онҳо. Курси мазкурро ба барномаи таълимии ҳамаи филиалҳо дохил намудан зарур аст;
6. Такмил додани зарфияти иттилоотии сомонаи МТКТ тавассути илова намудани маълумот дар бораи фаъолияти ҳамаи филиалҳо, хизматрасониҳои онҳо, аз ҷумла барои ГМТ, бо нишондоди дастрасии таҳсилот барои гурӯҳҳои алоҳидаи маълулиятдошта;
7. Роҳбарони филиалҳои МТКТ бояд ба бокортаъминшавии намояндагони ГМТ, ки аз курсҳо гузаштаанд, диққати ҷиддӣ диҳанд.

***Барои қайдҳо***

Нашрияи мазкур дар доираи лоиҳаи «Пешбурди тағйироти иҷтимоӣ ва омӯзиши касбии фарогир» бо мусоидати молии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати Федеролии Олмон оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва рушд ба табъ расидааст.

Лоиҳа аз тарафи Намояндагии DVV International дар Тоҷикистон дар шарикӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ «Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон» ва Созмони занони маъюб «Иштирок» амалӣ мешавад.

Мундариҷаи нашрия мояи масъулияти ТҶ Созмони занони маъюб «Иштирок» буда, ифодагари нуқтаи назари маблағгузорон намебошад.

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва такдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 60 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушди бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушди мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд.